**Суханронии хатмкунандагон – Синфи 2025**

Аълоҳазрат Шоҳзода Раҳим Оқохон, Бунёдгузори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, доктор Шамш Кассим-Лакҳа, Раиси Шӯрои Парастории Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, меҳмонони олиқадр аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, аъзоёни муҳтарами Шӯрои Парасторон, Ректори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ муҳтарам профессор Кристофер Герри, Декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ муҳтарам доктор Максим Хомяков, ҳайати омӯзгорон, кормандон, намояндагони ҳукумат, аъзоёни Шабакаи Рушди Оқохон, волидон, дӯстони гиромӣ ва хатмкунандагони азизи Синфи 2025
—Ассалом.

Ман Фариал Ноёб ҳастам ва бо эҳтиром ва сипоси амиқ имрӯз ҳамчун суханвари асосии Хатмкунандагони соли 2025 Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ин минбар баромад мекунам. Имрӯз мо танҳо ҷашни муваффақияти илмиро не, балки як марҳилаи сафари амиқан тағйирдиҳандаро таҷлил мекунем, сафаре, ки ҳар яке аз моро ба шеваи нагуфтанӣ ташаккул додааст.

Ёздаҳ сол, ду моҳ ва бист рӯз қабл ман хонаи худро тарк намудам, то дар Мактаби миёнаи Оқохони Қурағи Читрол таҳсил намоям. Он вақт ман 12-сола будам — духтари хурдсоле, ки на танҳо оила, балки ҳама чизи шинос ва амнро пушти сар мегузошт. Ман тарс доштам. Ҷаҳон номуайян менамуд. Аммо чизе, ки ман бо худ бурдам, орзуҳо буданд, орзуҳое, ки он қадар қавӣ буданд, ки ҳатто дар роҳҳои душвор маро ба пеш мебурданд.

Аз ҳамон рӯз ман пайваста дар ҷустуҷӯи имкониятҳо аз як ҷо ба ҷои дигар мекӯчидам ва барои беҳтар шудан ва дар зиндагӣ роҳи худро ёфтан талош мекардам. Ман хонаи худро тарк кардам ва солҳо дар ҷустуҷӯи хонаи нав будам. Ҷое, ки дар он решаи худро эҳсос мекардам ва мансубиятро эҳсос мекардам. Ва имрӯз бо ифтихор мегӯям: ман хонаи худро ёфтам дар кишвари дигар, миёни одамони дорои фарҳангҳо ва забонҳои мухталиф. Ман хонаи худро дар ин кампуси зебо, бо кӯҳҳои Помир иҳота шуда ёфтам. Ва ин хонаи дили ман хоҳад монд, то охири умр.

Ҳар яки мо бо як қиссаи хоси худ ба ин ҷо омадем. Баъзеамон аз хона пиёда омадем, баъзе деҳаҳоро, баъзеи дигар шаҳрҳоро тарк кардем, ва бархе аз мо ҳатто марзҳоро убур кардем. Мо чизе пушти сар кардем, аммо бо худ умед, ирода ва хоҳиши рушд карданро овардем.
Сафари мо осон набуд. Мо таҳсиламонро дар миёни пандемияи ҷаҳонӣ аз тариқи экранҳо оғоз кардем. Дарсҳои аввалини мо тавассути Teams буданд, ҳамскурсонамон бошанд фақат чеҳраҳо дар пушти экран буданд. Омӯзгорон ба мо тавассути пайвастҳои ноустувори интернет дарс медоданд. Ва ин мушкилот поён наёфт. Солҳои минбаъда мо бо платформаи Moodle, муҳлатҳои супориши 11:59 шаб, вазифаҳо ва гузоришҳои ниҳоӣ дастбагиребон будем. Ҳатто шабҳое буданд, ки бо шубҳаҳои шахсии худ мубориза мебурдем.

Аммо байни ҳамин мушкилот ва шубҳаҳо, мо дарёфтем, ки то чӣ андоза тавоно ҳастем — ва мо зеботарин лаҳзаҳои ҳаётамонро дарёфтем. Мо шабҳои ширчойро бо ханда гузарондем, дар гирди гулхан рақсидем, клубҳои донишҷӯиро идора кардем, дар конфронсҳои Намунаи Созмони Милали Муттаҳид иштирок намудем, Ҳафтаи гуногунрангӣ ҷашн гирифтем, сафари саҳроӣ доштем ва аз куҳҳо ҳам дар маънои ҳақиқӣ ва ҳам маҷозӣ убур кардем. Ва ҳамаи инро якҷоя анҷом додем!

Солҳо мо якдигарро ташвиқ кардем, якҷо ашк мерехтем. Мо на фақат дарсҳо ва синфҳои муштарак доштем, балки ҷасорату эҷод ва фишори «донишҷӯ будан»-ро якҷоя эҳсос кардем. Мо дар байни гузоришу таҳлилҳо ба як оила табдил ёфтем. Мо таҳриргарони шабона, дастгирони бузург ва дӯстони наздик шудем мо хонаи якдигар шудем!

Мо омӯхтем, ки чӣ гуна дарсҳои онлайн, санҷишҳо, имтиҳонҳо, гузоришҳо ва ҳатто зимистонҳои Хоруғу Норинро паси сар кунем!

Дар тули ин солҳо, мо тағйир ёфтем!

Дар ин муддат, мо шоҳиди он будем, ки чӣ гуна ба таври ғайриоддӣ рушд кардем. Ман шоҳиди он будам, ки дӯстонам мақолаҳо чоп карданд, дар конфронсҳои байналмилалӣ сухан гуфтанд, бурсияҳо ва ҷоизаҳо ба даст оварданд, дар мактабҳои тобистона ва зимистона иштирок намуданд, барномаҳои мубодиларо гузарониданд, дар Созмони Милали Муттаҳид, Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар созмонҳои бонуфуз таҷриба карданд. Имрӯз, баъзе аз мо аллакай барои идома додани таҳсиламон аз донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон дар Аврупо, Амрико ва Осиё  пешниҳодҳои таҳсилӣ дарёфт кардем.

Шахсан ман таҳсилоти баъдидипломии худро дар Донишгоҳи Йорк, Канада, дар бахши таҳқиқоти рушди иҷтимоӣ давом хоҳам дод. Ин танҳо интихоби як донишгоҳ набуд, балки интихоби як роҳ буд, роҳи ҳамоҳанг бо суолҳое, ки дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба он рӯ ба рӯ шудам ва таъсире, ки дар оянда итминон дорам ба ҷомеаҳои мо расонам.

Мо аз чор бахши гуногун омадаем, вале он чӣ ки ҳамаи моро мепайвандад, танҳо муваффақият нест, он таъсир аст. Ҳар яки мо ба як шахси хидматрасон, роҳбар ва таъсиргузор табдил ёфтем. Ин солҳо моро танҳо барои оянда омода накарданд. Онҳо моро барои оянда ташаккул доданд.

Вале ин ҳама, ин хотираҳо, комёбиҳо ва тағйиротҳо бидуни дастгирии онҳое, ки ба мо боварӣ доштанд, ҳатто пеш аз он ки мо ба худ бовар мекардем  имконнопазир мебуд.

Мехоҳам суханамро бо арзи сипос ва эҳтироми самимӣ ба Канслер ва Муассиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, Волоҳазрат марҳум Шоҳзода Карим Оқохони IV оғоз намоям. Роҳбарии дурбинонаи ӯ боиси таъсиси ин донишгоҳ гардид, ки он на танҳо ҳамчун макони омӯзиш, балки ҳамчун чароғи умед дар қалби ин кӯҳҳои аст. Эътиқоди устувори ин шахсияти бузург ба таълим ҳамчун қувваи тағйирдиҳанда, ҳар қадами сафари моро ташаккул дод. Гарчанде ки дигар дар миёни мо нестанд, аммо ормон ва диди эшон дар ҳар як кунҷи ин кампусҳо, дар синфхонаҳо ва дар дили ҳар яки мо зинда хоҳад монд.

Мо ҳамчунин ба Канслери навтаъини ин донишгоҳ Волоҳазрат Шоҳзода Раҳим Оқохон, ки роҳбарии эшон аз Донишгоҳи Осиёи Марказӣ он ормонро таъмин мекунад, изҳори сипос менамоем. Мо бо итминони комил ба оянда менигарем, чун медонем, ки раҳнамоии ӯ ҳам эҳтиром ба гузашта ва ҳам омодагӣ ба рӯ ба рӯ шудан бо мушкилоти фардо аст.

Ба аъзоёни муҳтарами Шӯрои Парасторон барои садоқат ба ин муассиса низ миннатдорӣ баён мекунем. Роҳбарӣ ва дастгирии шумо боис гардид, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба маконе табдил ёбад, ки ҷавонон метавонанд бо ҷасорат орзу кунанд, бо таҳлил фикр кунанд ва мақсаднок саҳмгузор бошанд.

Мо инчунин аз ҳукуматҳо ва мардумони Тоҷикистону Қирғизистон барои дастгирии пайваста, бахусус нисбат ба донишҷӯёни байналмилалӣ самимона сипосгузорем. Гармиву меҳмоннавозии шумо боис шуд, ки худро амн, пазируфта ва чун дар хонаи худ эҳсос кунем. Ин кишварҳо барои мо танҳо макони таҳсил набуданд, онҳо ба қисми ҷудонашавандаи қиссаи мо табдил ёфтанд, ва мо ин меҳрубониро ба ҳар куҷое ки равем, бо худ хоҳем бурд!

Ба ҳайати мухтарами омӯзгорон — барои он ки моро ба чолиш кашидед, роҳнамоӣ кардед, дастгирӣ намудед ва ба мо ёдрас кардед, ки пурсидани суолҳо на камтар аз ёфтани ҷавобҳо аҳамият дорад,  миннатдорем.

Ба тими азизи ҳаёти донишҷӯӣ, маъмурият ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ташаккури зиёд барои он ки Донишгоҳи Осиёи Марказиро ба маконе табдил додед, ки мо на танҳо тавонистем омӯзем, балки зиндагӣ кунем, рушд ёбем ва як узви ҷудонашавандаи он худро эҳсос мекардем. Аз ташкили чорабиниҳо то ҳамоҳангсозии корҳои ташкилӣ ва танҳо будан дар он лаҳзаҳое, ки мо ба дастгирӣ ниёз доштем, шумо Донишгоҳи Осиёи Марказиро барои мо ба хона табдил додед!

Ва дар ниҳоят, ба аъзоёни оилаҳои худ барои ҳар як фидокорӣ, ҳар як сухани рӯҳбаландкунанда ва ҳар як дуои хомӯш миннатдории амиқ изҳор менамоем.

Мехоҳам ба падару модари худ Гул Ноёб Хон ва Зайбун Нисо махсусан сипосгузорӣ намоям, ки ба қудрати таҳсилоти босифат бовар доштанд ва онро имконпазир сохтанд — на танҳо барои ман, балки барои панҷ хоҳари дигарам низ. Падару модарони мисли онҳо сабаби он астанд, ки духтароне мисли ман аз орзуҳои бузург наметарсанд.

Ман инчунин аз Назмин Аланӣ ва Арзина Аланӣ амиқан сипосгузорам, ки аз оғози сафари ман дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳамроҳам буданд ва таҳсиламро бо саховатмандӣ дастгирӣ намуданд. Ман худро бисёр хушбахт эҳсос мекунам, ки узви оилаи онҳо гаштаам.

Мехоҳам ба дастгирии бузургтарини худ дӯстон ва махсусан дӯсти беҳтарин ки имрӯз бо ман якҷо хатм мекунад, низ ташаккур гӯям. Барои он ки ҳамон гуна ҳастӣ, ки ҳастӣ, ва барои он ки меҳрубонтарин шахсе ҳастӣ, ки ман мешиносам сипоси самимӣ баён мекунам!

Ноил гаштан ба ин дараҷаи диплом, ин рӯз, ҳам ба шумо тааллуқ дорад ва ҳам ба мо!

Хатмкунандагони азизи соли 2025, ҳангоми он ки дар остонаи анҷоми ин боб қарор дорем, мехоҳам бо рӯшанӣ бигӯям: мо ҳамеша ҳама чизро ба таври комил дар даст надоштем. Мавридҳое буданд, ки худро гумгашта эҳсос мекардем. Замонҳое буданд, ки шикаст мехӯрдем. Лаҳзаҳое буданд, ки нисбат ба худ, кори худ, ҳадафамон ва ҳатто ҷойгоҳи худ дар ин ҷо шубҳа мекардем.

Аммо ба ҳар ҳол, мо ҳузур доштем. Мо идома додем ва дарк кардем, ки рушд аксаран дар паси шикастҳо нуҳуфтааст ва устуворӣ дар лаҳзаҳои хомӯш ташаккул меёбад, вақте ки ҳеҷ кас назар намекунад ва намебинад.

Сарфи назар аз ҳамаи он лаҳзаҳое, ки худро гум карда будем ё нокофӣ эҳсос мекардем — дӯстони азиз, мехоҳам ҳамаи шумо бидонед, ки имрӯз ҳамон рӯзе аст, ки мо билохира ғолиб шудем. На танҳо тавассути баҳои хуб ё ҷоизаҳо, балки тавассути он шахсияте, ки табдил ёфтаем. Мо ин мактабро на танҳо бо диплом, балки бо қиссаҳо, нерӯ ва донише тарк мекунем, ки аз синфхонаҳо фаротар меравад ва бо мо ҳамеша хоҳад монд.

Мо аз ҷомеаҳои кӯҳӣ ҳастем ва роҳҳои душвор бароямон нав нестанд. Аммо мо низ медонем, ки баъзе зеботарин манзараҳо пас аз баландтарин қуллаҳо падид меоянд. Мо омодаем, ки ба қуллаҳои нав бароем на дар танҳоӣ, балки якҷоя, ҳамчун ҳамкурсон, ҳамчун дӯстон ва ҳамчун насле, ки аз ҷаҳони худ рӯ намегардонад.

Ҳангоме ки ба сӯи оянда қадам мегузорем, умед дорем, ки ҳаргиз кӯдакони дунёро фаромӯш накунем — онҳое, ки синфхонаҳояшон то ҳол хомӯшанд ва орзуҳояшон интизори оғози сулҳ мебошанд.

Ташаккур ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, барои он ки ба мо на танҳо таълим, балки хонаву ормон ва якдигарро ато кардӣ.

Табрик, хатмкунандагони 2025! Мо тавонистем инро анҷом бидиҳем ва ин ҳамагӣ оғози роҳ аст!